# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи “Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна “Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” ба мавзуи муҳим – таҳқиқи таркиби луғавии яке аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Лаҳҷаҳои имрӯзаи забони тоҷикӣ хазинаи луғати ноби забони тоҷикӣ мебошанд, ки таҳқиқи мукаммали он барои такмили забони адабии тоҷикӣ аҳаммияти калон дорад. Номи рустаниҳо як бахши муҳимми луғатро ташкил медиҳанд, ки омӯзиши он барои такмили истилоҳоти ботаникии забони тоҷикӣ аз аҳаммият холӣ нест. Аз ин ру таҳқиқи масъалаи мазкур дар шароити имрӯза аҳаммияти калони назариявию амалӣ дорад. Бинобар ин мавзуи рисолаи мазкур мубрам буда, таҳқиқи он дар забоншиносии тоҷик муҳим мебошад.

Сохтори рисола тибқи мавзуъ тарҳрезӣ гардида, аз се боб иборат аст. Ҳар як боб дар навбати худ, аз фаслҳо иборат буда, мавзуъҳои марбути рисоларо мавриди баррасӣ қарор додаанд. Вазифаҳои таҳқиқоти мазкур муҳимтарин масоили мавзуи рисоларо дар бар гирифта, ҳар як бахш ҷанбаҳои муайянро баррасӣ намудаанд. Лозим ба ёддоварӣ аст, ки муаллиф маводи зиёдеро дар шароити кори саҳроӣ ҷамъоварӣ намуда, мавриди таҳлил қарор додааст. Диссертант осори зиёди лаҳҷашиносиро мутолиа намудааст. Дар ин маврид бояд гуфт, ки лексикаи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ то ҳол пурра омӯхта нашудааст. Махсусан, лексикаи марбут ба олами наботот, ки дар забони тоҷикӣ вижагиҳои махсус дорад, то ҳол пурра ҷамъоварӣ нашудааст ва мавриди таҳлили илмӣ низ қарор дода нашудааст. Ин бахши лексика ба муҳит, табиат ва олами атрофи минтақаи муайян алоқаманд буда, то андозае фарҳанги мардуми маҳаллиро инъикос мекунанд. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки луғати марбути набототро таҳлил карда, тарзи номгузории рустаниҳоро муайян намояд, ки дар забони гуфтугӯйии мардум инъикос ёфтааст.

Рисолаи мазкур аз се боб иборат аст, ҳар як боб дар навбати худ ба бобҳо ҷудо шудааст, ки ҷанбаҳои маъноӣ, луғавӣ ва сохтори лексикаи марбути набототро дар бар гирифтаанд.

Боби аввал масъалаҳои асосҳои назариявии омӯзиши номи рустаниҳоро дар бар гирифта, таносуби калимаҳои умумихалқӣ ва лаҳҷавӣ муайян карда шудааст. Диссертант ба мафҳуми калимаҳои умумихалқӣ ва воҳидҳои луғавии хоси гӯйишҳои минтақа равшанӣ андохта, вижагиҳои ҳар кадоми инҳоро таҳлил намудааст.

Дар фасли дигар лексикаи марбути номи рустаниҳо аз назари гурӯҳҳои маъноӣ ва мавзуӣ тасниф шуда, оид ба гурӯҳҳои маъноӣ ва мавзуӣ мулоҳизаҳо баён шудааст. Гурӯҳи маъноӣ нисбатан маҳдуд буда, гурӯҳи мавзуӣ мафҳуми васеътарро ифода мекунад. Дар таркиби луғавии забон гурӯҳҳои мавзуӣ доираи васеъро фаро мегиранд, ки ин масъала дар рисола дар асоси мисолҳо таҳлил шудаанд.

Фасли ҷудогонаи боби аввал ба тарзҳои номгузории калимаҳои ифодакунандаи рустаниҳо бахшида шудааст. Диссертант қайд мекунад, ки номгузории рустаниҳо ба аломатҳои гуногуни рустаниҳо, аҳаммияти ин рустаниҳо, муносибати одамон нисбати рустаниҳо амалӣ гардидааст, ки боиси пайдоиши сохторҳои гуногуни маъноӣ ва дастурии калимаҳо гардидааст.

Дар боби дуюми рисола вижагиҳои маъноии рустаниҳо таҳлиил шудааст. Дар ин боб номи дарахтони мевадор, дарахтони бебаҳра, дарахтони буттагӣ, буттаҳо, номи гиёҳҳо ва алафҳои худрӯ ва зироатҳои ғалладона, сабзавоти маҳаллӣ ва маншаи калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо аз ҷиҳати маъноӣ таҳлил шудаанд.

Боби сеюм таҳлили калимаҳои ифодакунандаи набототро аз нигоҳи сохтор дар бар мегирад. Дар ин боб калимаҳои сода, сохта, мураккаб ва ибораҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо таҳлил шуда, хусусиятҳои маъноии ҳар як гурӯҳ аз рӯйи хусусиятҳои маъноӣ муайян карда шудаанд. Вожаҳои мураккаб аз рӯйи қолабҳои сарфӣ таҳлил шуда, номибораҳо вобаста ба хусусияти маъноии ҷузъи асосӣ баррасӣ шуда, ба гурӯҳҳо тасниф карда шудаанд.

Дар баробари дастовардҳо диссертатсияи таҳқиқӣ аз камбудиҳо низ холӣ нест. Метавон чанде аз чунин камбудиҳоро номбар кард:

1. Рустаниҳо маъмулан номи байналмилалии ботаникӣ низ доранд, ки дар корҳои забоншиносӣ низ истифода бурда мешаванд. Дар автореферат ин масъала риоя нагардидааст.

2. Ҳангоми таҳлили калимаҳои сохтаи ифодакунандаи рустаниҳо оид ба калимаҳое, ки бо пасванди –ич (вағнич ва ғ.) сохта шудаанд, маълумоте дида намешаванд.

3. Хуб мешуд, агар калимаҳои алоҳида аз ҷиҳати таърихию этимологӣ ташреҳ меёфтанд.

Камбудиҳои мавҷуда ислоҳшавандаанд ва арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна "Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ" кори мукаммали тадқиқотӣ буда, навгониҳои илмӣ ва ҷанбаи пурқуввати назариявӣ дошта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01–Забони тоҷикӣ мебошад.

**МУҚАРРИЗ:**
**Доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев** **Офаридаев Назрӣ**

*Имзои Назрӣ Офаридаевро тасдиқ мекунам:*
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев** **Саидраҳмонов Н.**

**Суроға:**736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ВМКБ, шаҳри Хоруғ, кӯч. Шоҳтемур,119
**Тел**:(+992) 939314032
**E-mail:** nazri53@gmail.ru

**"11" декабри соли 2023**